Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-017 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи С.Айнӣ, 44.
E-mail: boboev.komil@list.ru. Тел: 934488884

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Сафоев Абдумаҷид Каримович дар мавзуи «Идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо.**

Дар адабиётҳои иқтисодӣ олимони ватанию хориҷӣ оид ба мафҳуми ягонаи лоиҳаҳои лоиҳаҳои сармоягузорӣ андешаҳои гуногун шарҳ додаанд. Лоиҳаҳои сармоягузорӣ яке аз қисми асосии сиёсати фаъолияти сармоягузории мамлакат ба шумор меравнад. Аз ин хотир, ҷалби ҳар як ҳаҷми сармоя ба иқтисодиёти мамлакат ин худ лоиҳаи сармоягузорӣ мебошад. Лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҳамчун омили асосии ҷалби сармоя ба соҳаҳои афзалиятноки хоҷагидори нигаронида шудааст. Соҳаҳои афзалиятнок дар мувофиқа бо накшаю барномаҳои стратегии давлатӣ бо тартиб ва тадбиқи санаду меъёрҳои ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон муайян карда мешавад.

Дар шароити гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ омили асосии ноил шудан ба рушди иқтисодиёти миллӣ ин самаранокии истифодаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба шумор меравад. Сарчашмаи амалинамоии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар бунёди механизми идораи лоиҳаҳои сармоягузорӣ таҷассум мегардад, ки муттаҳидии сектори хусусӣ ва институтҳои ватанию байналхалқиро ба роҳ мемонад. Механизми идораи лоиҳаҳои сармоягузорӣ бояд таъминоти захиравӣ ва касбиятӣ кормандонро ҳангоми амалинамоии лоиҳаҳо ба инобат гирад.

Аз тарафи докторант дар афтореферати диссертатсия таъкид шудааст, ки барои рушд ёфтани соҳаи саноат дар мамлакат панҷ муаммо вуҷуд дорад (саҳ. 20-22).

Дар навгонии 3-юм аз тарафи диссертант мафҳуми «лоиҳаҳои сармоягузорӣ» дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақа дезагрегатсия карда шудааст (саҳ. 22-24) ва ин дезагрегатсия дар мисоли расми 11. Механизми дусатҳаи идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ (саҳ. 44) бараъло инъикос ёфтааст.

Докторант дар автореферати диссертатсия қайд менамояд, ки яке аз барномаи муҳими стратегии рушди мамлакат ин «Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ (БСД)» барои солҳои муайян мебошад. Таҳия ва қабули БСД воситаи муҳимест, ки дар доираи он як қатор лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар мӯҳлатҳои муқарраршуда амалӣ мегарданд ва бештар ба ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат нигаронида шудаанд ва

аз ин рӯ, асосан хусусияти иҷтимоӣ доранд (саҳ. 33). Ҳамзамон, дар асоси таҳлилҳои боло зикр, докторант дар автореферати диссертатсия пешниҳод менамояд, ки монанд ба Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар саноатӣ ташкил карда шавад. Мақсад аз ташкил намудани Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар саноатӣ ин ворид намудани танҳо лоиҳаҳои сармоягузории саноатӣ мебошад. Тартиби татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории самти саноат дар мисоли расми 10. Механизми пешниҳодшудаи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ дар саноат оварда шудааст (саҳ. 42-43).

Дар баробари нуктаҳои афзалиятдоштаи рисолаи докторӣ хуб мешуд, агар дар автореферати диссертатсия ба ҷанбаҳои институтсионалии механизми идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръат таваҷҷӯҳ бештар мегардид.

Бояд қайд науд, ки камбудии пешниҳодгардида хусусияти тавсиявӣ дошта, моҳияти илмии автореферати диссертатсияро кам намекунад.

Умуман, автореферати диссертатсия дар мавзуи «Идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар раванди саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз руи натаҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои бандҳои 49 ва 54-и «Тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва авторерферати диссертатсия», ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, №3 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шуда, муаллифи он Сафоев Абдумаҷид Каримович арзандаи дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
профессори кафедраи идораи давлатӣ
ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Набиев Т.Т.

Нишона: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кучаи Саид Носир, 33.
Тел: (+ 992 37) 2241786; Моб: +992937590000
E-mail: info@apa.tj; www.apa.tj

Имзои Набиев Т.Т.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамидов Ш.Б.